# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат).**

*25 майи соли 2024* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Дустбоев Ш., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Комилов С.Ҷ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – узви комиссия; Қодирова З.Ҳ., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович **хулосаи** зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович, 25 июли соли 1992 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович соли 2010 пас аз хатми мактаби миёна ба факултети муҳандисӣ-технологи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси метрология, стандартизатсия ва сертификатсия (саноати хуроквории) дохил шуда, соли 2014 муассисаи олии номбурдаро хатм кардааст. Соли 2016 бошад магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт ва соли 2019 докторантураи PhD-ро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо муваффақият хатм намудааст.

Пас аз хатми донишгоҳ дар вазифҳои зерин фаъолият намудааст: соли 2019 то соли 2022 ассистенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва аз сентябри соли 2022 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи номбурда фаъолият карда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар ҷаласаи Шурои олимони донишгох аз 23 феврали соли 2017, тахти № 63-05 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Қурбонов Абдулхайр Каримович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

### *II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар Мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад: 5.4. Системаи муносибатҳои «инсон-истеҳсолот» (намудҳо, муҳтаво, тақсимот, кооператсия, махсусгардонии меҳнат ва ғайра); қонуниятҳо ва тамоюлоти нави ташаккул, тақсимот, мубодила ва истифодаи қувваи корӣ; механизми баланд бардоштани самаранокии онҳо дар иқтисодиёти бозории иҷтимоӣ; роҳҳои истифодаи самараноки ҷойҳои кории амалкунанда ва нав; 5.6. Ҳавасмандгардонӣ ва музди кори кормандон; ташкили музди кор ва таъмини робитаи мутақобилаи он бо тахассуси ҳайати шахсӣ ва натиҷанокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолкунӣ ва ҳавасмандкунии (мотивизатсияи) музди кор; 5.7. Проблемаҳои сифати қувваи корӣ, омодасозӣ ва ташаккули салоҳияти тахассусӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳо; ташаккули қобилияти рақобатпазирии кормандон; самтгирии тахассусии аҳолӣ; зудамалии кадрҳо; 5.9. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, таҳаввули меъёрҳо, методҳои андозагирии омилҳо ва захираҳои болобарӣ, барномаҳои идоракунии ҳосилнокии меҳнат.

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

### *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Муқарраротӣ асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 12 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 3 мақола дар алоҳидагӣ нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Маълумотнома аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии тоҷикистон гирифта шудааст. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат), ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқарриризони расмӣ таъин карда шаванд:
   - Раҷабов Раҷаб Кӯчакович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;
   - Рустамов Раҳим Умаршоҳович – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

2. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъин карда шавад.
3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
5. Рӯихати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Дустбоев Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ.

д.и.и., дотсент Қодирова З.Ҳ.